# ХАБАРИ МАТБУОТӢ

## оид ба натиҷаҳои фаъолияти ҶСК «Ширкатии Алюминийи Тоҷик» (ТАЛКО) дар соли 2023 (нишондиҳандаҳои асосӣ) ва семоҳаи якуми соли 2024

ҶСК "Ширкати Алюминийи Тоҷик" ба хотири иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва семоҳаи якуми соли 2024 бобати барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, нав кардани фондҳои асосӣ, азнавтаҷҳизонӣ, тармиму навсозии таҷҳизотҳои амалкунанда (яъне электролизёрҳо ва ғайра), беҳ гардонидани раванди технологӣ фаъолиятро идома додааст.

Бояд хотирнишон кард, ки Ширкат бобати пурра барқарор кардани сифати алюминийи аввалия ва зиёд намудани маҳсулнокии электролизёрҳои амалкунанда тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Дар анҷоми соли 2023 ва оғози моҳи апрели соли 2024 вазъияти истеҳсолоти электролиз босубот арзёбӣ карда мешавад.

Дар давоми 12 моҳи соли 2023 77 адад. электролизёр ба маблағи зиёда аз 105,0 млн.сомонӣ ба кор андохта шуда, инчунин барои корандозии 25 адад электролизёр мавод харидорӣ шудааст.

Маҳсулнокии миёнаи электролизёри алоҳида аз 975 кг то ба 1034 кг афзоиш ёфта, ҳамчунин сифати алюминийи истеҳсолшаванда беҳ шудааст: агар дар соли 2022, асосан, алюминийи навъи АВ97 (97%Al) истеҳсол шуда бошад, пас, дар семоҳаи чоруми соли 2023 ба андозаи 100% алюминийи баландсифати навъҳои А7, А5 ва А0 истеҳсол шудааст.

Ба нақша гирифта шудааст, ки дар соли 2024 зиёда аз 96 электролизёр ба маблағи 146,2 млн. сомонӣ таҷдид ва мавриди баҳрабардорӣ қарор бигирад..

Истеҳсоли алюминийи аввалия дар соли 2023 66 649 тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли 2022, 4 606 тонна зиёд ё 107,4% он мебошад. (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар соли 2023**

| № | Номгӯй | Воҳ. чен. | с. 2022 | с. 2023 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Алюминийи аввалия | тн | 62 044 | 66 649 |
| 2 | AL молӣ | ҳаз. сом. | 463 488,27 | 469 982,75 |
| 3 | Фурӯш | | 466 830,40 | 468 717,30 |

ҶСК "Ширкати Алюминийи Тоҷик" дар соли 2023 уҳдадориҳои ҷории андозии худро пурра ба иҷро расонидааст. Феълан Ширкат аз андоз қарз надорад.

Гардиши савдои хориҷии Ширкат дар соли 2023 244,4 млн. доллари США-ро ташкил дод, аз ҷумла: воридот – $113,7 млн., содирот – $130,6 млн.

Теъдоди умумии электролизёрҳои амалкунанда дар охири моҳи марти соли 2024 211 ададро ташкил дод. Дар 3 моҳи аввали соли 2024 дар Ҷамъият 19 адад электролизёр ба кор андохта шуд. Соли 2024 тармим ва ба кор андохтани 96 электролизёр ба нақша гирифта шудааст.

Истеҳсоли алюминийи аввалия дар семоҳаи якуми соли 2024 19 731,75 тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба семоҳаи якуми соли 2023 4235,8 тн ё 127,3% зиёд мебошад(ниг. ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар семоҳаи якуми соли 2024**

| № | Номгӯй | Воҳ. чен. | Семоҳаи якуми соли 2023 | Семоҳаи якуми соли 2024 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Алюминийи аввалия | тн | 15 496 | 19 732 |
| 2 | AL молӣ | ҳаз. сом. | 114 585,37 | 146 681,97 |
| 3 | Фурӯш | | 114 667,9 | 143 287,4 |

ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ба нақша гирифтааст, ки то анҷоми соли 2024 ҳаҷми истеҳсолро зиёда аз 25% афзомш бидиҳад. Тибқи нақшаи стратегии ТАЛКО барои соли 2024, бо назардошти корандозии электролизёрҳои нав, истеҳсоли алюминийи аввалияро то охири сол беш аз 84000 тонна, яъне, камаш 25% нисбат ба соли 2023 афзоиш бахшад.

Ширкат бобати истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи ба содирот нигаронидашуда, ки дар бозорҳои дохилию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ рақобатнок бошад, самаранок фаъолият бурда, ҳаҷми истеҳсоли онро тадриҷан зиёд мекунад.

Дар Ҷамъият сехи маводи оташбардор ва сохтмонӣ фаъолият менамояд. Маҳсулоти он ҳалқаи муҳими баргузории тармими мукаммали таҷҳизоти Ҷамъият маҳсуб ёфта, қаблан аз хориҷи кишвар дастрас карда мешуд. Сехи мазкур хиштҳои оташбардори навъҳои ШБ, МКРА, мертели МШ-28, ВГ-50 ва ғ. истеҳсол менамояд, ки нисбат ба нархи хариди маҳсулоти зикргардида хеле арзон мебошад.

Ширкат ҳамкории васеъро бо корхонаҳои саноатии ватанӣ идома медиҳад. ҶСК “Ширкати Алюминийи Тоҷик”дар семоҳаи якуми соли 2024 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶММ «Нокили ТАЛКО», ҶСП «НокилиТурсунзода», ҶММ «КМ ТТ ТАЧПРОФ», ҶММ «Алюпроф» ва истеъмолгарони дигари дохилиро бо 2 883,5 тн. алюминий ба маблағи 70,4 млн. сомонӣ таъмин намуд (ниг. Ҷадвали 3).

Дар навбати худ, маҳсулоти корхонаҳои мазкур, дар баробари интиқол ба бозори дохилӣ, ба хориҷи кишвар, қабл аз ҳама, ба Ӯзбекистон, Қирғизистон,Туркия ва Эрон содирот мешавад.

**Ҷадвали 3. Фурӯши маҳсулоти алюминӣ ба истеъмолкунандагони ватанӣ**

| № | Номи ташкилот | Семоҳаи якуми соли 2023 | | Семоҳаи якуми соли 2024 | | Тафовут |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдор, тонна | Маблағ, ҳаз.сомонӣ / ҳаз. долл. | Миқдор, тонна | Маблағ, ҳаз.сомонӣ / ҳаз. долл. | Маблағ, ҳаз.сомонӣ / ҳаз. долл. |
| 1 | ҶДММ«Ноқили ТАЛКО» ҶСП«Ноқили Турсунзода» | 465,661 | 14 705,16 | 774,070 | 22 314,22 | 7 609,06 |
| | | | 1 394,64 | | 2036,67 | 642,03 |
| 2 | Корхонаҳои дигар | 1 886,036 | 47 814,59 | 2 109,429 | 52 102,27 | 4 287,68 |
| | | | 4 534,73 | | 4 755,50 | 220,77 |
| | **Ҳамагӣ** | **2 331,697** | 62 519,75 | 2 883,499 | 74 416,49 | **11 896,74** |
| | | | 5 929,36 | | 6 792,18 | **862,82** |

**Фурӯши маҳсулоти алюминийи худӣ ба истеъмолкунандагони ватанӣ дар 3 моҳи соли 2024 551,802 тн. зиёд шудааст**



Нархи миёнаи алюминий дар Биржаи Филизоти Лондон дар семоҳаи якуми соли 2024 2199 $ /тн-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 196 $/тн кам мебошад:

**Нархгузории алюминийи (Cash Seller&Settlement) биржаи филизоти Лондон дар семоҳаи аввали соли 2024 бо муқоиса ба семоҳаи аввали соли 2024**




| | январ | феврал | март | Семоҳа |
|---|---|---|---|---|
| с.2023 | $2 489 | $2 417 | $2 290 | $2 395 |
| с.2024 | $2 194 | $2 182 | $2 222 | $2 199 |

Маблағи маҳсулоти молии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар семоҳаи якуми соли 2024 ба 149,4 млн. сомонӣ расонида шуд, ки назар ба семоҳаи якуми соли 2023 32,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Маблағи фурӯши маҳсулот 143,3 млн. сомониро ташкил дод, ки назар ба семоҳаи якуми соли 2023 28,6 млн. сомонӣ зиёдтар аст.

Натиҷагирии семоҳаи якуми соли 2024 нишон медиҳад, ки маблағҳои барои андоз ҳисобшуда пурра пардохт гаштаанд.

Гардиши савдои берунии Ширкат дар семоҳаи якуми соли 2024 68,5 млн. доллари ИМА, аз ҷумла, воридот $ 30,9 млн., содирот $ 37,6 млн.-ро ташкил дод.

Бо назардошти ҳадафи минбаъдаи Ширкат бобати хеле зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол, айни ҳол Ҷамъиятро зарур аст, ки кадрҳои нави техникиро ба кор ҷалб намояд. Ба ин мақсад сиёсати зарурии кадрӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар семоҳаи якуми соли 2024 дар Ширкат масъалаи музди меҳнат бозбинӣ шуда, он дар зиёда аз 30 бахшу қитъа зиёд карда шуда, дар натиҷа музди миёнаи меҳнати кормандон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20% фоиз афзоиш ёфта, 2583,29 сомониро ташкил дод. Хотирнишон бояд кард, ки маоши корманди баландихтисос (электролизчии баланддараҷа) 4000 сомониро дар моҳ ташкил дода, ҳамзамон ба нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ вобастагии мустақим дорад.

Роҳбарон ва мутахассисони Ширкат бо истифода аз имконияту захираҳои дохилӣ тамоми тадбиру чораҳоро меандешанд, то дар соли 2024 ба нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ ноил гардида, дар рушду ривоҷи иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас гузоранд.

**Департаменти иттилоот ва робита бо ҷомеаи**
**ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик»**
*Турсунзода, 15.04. с.2024.*